**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КУМИТАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТИ**
**НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

«28» 03 соли 2023 ш. Душанбе № 42

«Дар бораи ҳифзи захираҳои моҳӣ дар давраи тухмгузории соли 2023»

Мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», моддаҳои 31 ва 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот», моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ» ва банди «а» моддаи 17 Қоидаҳои моҳидорӣ дар обанборҳои аҳамияти моҳидоридоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дар тамоми дарёҳо, обанборҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрел то 15 июни соли 2023 дар давраи тухмгузории моҳиҳо тамоми намудҳои моҳидорӣ манъ карда шавад.

2. Раёсати назорати давлатии истифода ва ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва захираҳои моҳии Кумита дар якҷоягӣ бо сарраёсатҳо, раёсатҳо, шуъбаю бахшҳои ҳифзи муҳити зист дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо баҳри пешгирии равандҳое, ки ба вазъи захираҳои моҳии ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонанд, амалиётҳои фавриро тибқи фармоиши раиси Кумита аз 5 феврали соли 2020, №21 «Оид ба гузаронидани амалиётҳои фаврӣ дар самти ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва захираҳои моҳӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ» ба роҳ монанд.

3. Сарраёсатҳо, раёсатҳо, шуъбаю бахшҳои ҳифзи муҳити зист дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шаванд, ки ситодҳои кории худро оид ба ҳифзи захираҳои моҳӣ дар давраи тухмгузории соли 2023 таъсис дода, тариқи расонаҳои ахбори омма корҳои ташвиқотию тарғиботӣ гузаронанд ва аз натиҷаи корҳои иҷрошуда ҳар 15 рӯз ба Кумита маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумита гузошта шавад.

Раис Б. Шерализода